# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити кунунии рушди ҷамъияти ҷаҳонӣ низоми маориф ба истифода ва татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим, ки ҳамчун омили муҳими самараноки раванди таҳсилот эътироф шудааст, ниёз дорад. Ба зарурияти масъалаи мазкур як қатор санадҳои муҳими давлатӣ дар соҳаи маориф эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муносибати ҷомеаро нисбат ба маориф амалӣ гардонида, дар он принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар ин самт таъйин шуда, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба таҳсил таъкид гардидааст. Дар байни принсипҳои дар қонун зикргардида муаллифи рисола ба принсипи инноватсионии низоми маорифро таваҷҷуҳ кардааст, зеро он ба тамоюлҳои асосии рушди дар боло зикргардида ҷавобгӯ мебошад. Қонуни мазкур ва ҳуҷҷатҳои солҳои охир дар соҳаи маорифи мамлакат ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим, иттилоотикунонии таълим, дастрасӣ ба шабакаҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, таълими фосилавӣ дар асоси истифодаи воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсиониро ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф пешбинӣ мекунад. Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз ҷониби Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар марҳилаи муосири рушди таҳсилот хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Мақсади таҳсилоти олӣ на фарогирии миқдории инноватсияҳо, балки интиқол ва падид овардани иттилоот ба ивази иттилооте мебошад. Ворид

намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ ба равандҳои таълим чараёнҳои мазкурро инноватсионӣ мегардонад ва аз ин лиҳоз онҳоро бо назорати қатъӣ баррасӣ кардан мумкин ва зарур аст. Дар ҳақиқат, равандҳои мазкур боиси пайдо шудани муносибати нав ба ташкили раванди таълим - муносибати технологӣ мегардад.

Муаллиф дар асоси омузиш ва таҳлили адабиётҳои сершумори илмҳои педагогӣ дар самти таҳқиқи мавзуи баррасишаванда, ва хусусан асарҳои олимони ватанӣ қайд менамояд, ки ба омӯзиши муаммоҳои инноватсионии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши омодагии субъектҳои раванди педагогӣ ба технологӣ ва инноватсионӣ гардонидани маориф аз ҷониби олимони ватанӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик Ф.Ф.Шарипов тамоюли ислоҳот ва такмили модели миллии маорифро таҳлил намуда, дар асоси он нақш ва аҳамияти технологияҳои нави иттилоотию таълимиро дар раванди ташаккули фарҳанги инноватсионии донишҷӯён таҳқиқ намудааст. А.Р. Мирзоев омодагии донишҷӯёнро ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳқиқ ва асоснок кардааст. Н.Н.Шоев оид ба технологияҳои таълимии ҷанбаҳои гуногундошта ва моделҳои инноватсионии мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳқиқоти ҷолиб таълиф намудааст.

Ҷолиби диққт аст, ки муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯъ ва зарурати таҳқиқи онро асоснок намуда, дараҷаи омӯхта шудани муаммои таҳқиқшаванда, ҳадаф, объект, мавзӯи таҳқиқотро муайян кардааст; вазифаҳо ва методҳо, соҳаи таҳқиқотро мушаххас гардонида, марҳалаҳои онро нишон додааст; пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро таъйин карда, боэътимодии натиҷаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври равшану дақиқ ифода кардааст.

Дар боби якуми диссертация **«Асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим»** ҷиҳатҳои назариявии омодасозии омӯзгорони

макотиби олӣ ба инноватсионӣ намудани раванди таълим, моҳияту мундаричаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳити муосири раванди тайёр намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян карда шудаанд.

Дар боби дуввуми диссертатсия **«Технологияи педагогии омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим»** шароити ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим муайян гардида, раванди ташкил ва мундаричаи корҳои озмоишӣ – педагогӣ оид ба омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим тавсиф ёфтааст ва самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим аз санҷиш гузаринода шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии мавзуи таҳқиқшаванда, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълимро дар самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ муайян намояд ва хулосаю тавсияҳои асоснок ва муҳими илмӣ коркард намояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Ахмедова М.Ф. оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои

марҳалаҳои асосии тадкикот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар хулоса қайд кардан ҷоиз аст, ки диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди шӯрои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ буда, муаллифи он Ахмедова М.Ф. ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Коллеҷи омузгории
шаҳри Ҳисор Давлатзода Ҷамила
10.06.2023с.

Маълумот барои тамос: 735020 шаҳри Ҳисор, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ № 2А тел: (8 – 3139) 25-4-30. E-mail: jyuldosheva1@gmail.com

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва КМ Коллеҷи омузгории
шаҳри Ҳисор Ниёзова Зумрад